10 00 00 ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГИЯ
10 00 00 ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ
10 00 00 PHILOLOGICAL SCIENCES

10 01 03 ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ СТРАН ЗАРУБЕЖЬЯ

10 01 03 LITERATURE OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES

УДК 82/ 821.0
ББК 83.3(0)4

ТАБАҚАБАНДИИ МАВЗӮИИ ОСОРИ НАСРИИ СОИНУДДИНИ ХУҶАНДӢ

Мирзоев Садридин,
н.и.ф., дотсент, докторанти ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ПРОЗАИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ СОИНУДДИНА ХУДЖАНДИ

Мирзоев Садридин, *к.ф.н., доцент, докторант Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

THEMATIC CLASSIFICATION OF SOINUDDIN KHUJANDI`S PROSAIC HERITAGE

Mirzoyev Sadriddin*,*
candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classical literature under Khujand State University named after academician B. Gafurov, claimant for doctoral degree (Tajikistan, Khujand)
E-MAIL: *sadriddin-mirzoev@mail.ru*

Ключевые слова*: история персидско-таджикской литературы, творчество Соинуддина Худжанди, династия Оли Худжанд Исфахона, художественная проза, религиозная проза, суфизм, хуруфия.*

Ходжа Али ибн Мухаммад ибн Афзалуддин Худжанди Исфахони (1370-1433), более известный под титулом Соинуддин (Защита религии) и именем Ибн Турка, несомненно, является одним из выдающихся учёных и мыслителей своей эпохи. Автор отмечает, что количество сочинений Соинуддина современниками и исследователями его творчества определено от 42 до 70 книг, среди которых значительную часть составляют прозаические произведения. Однако большинство сочинений учёного до сих пор не изданы и хранятся в рукописном виде. Именно поэтому до сегодняшнего дня должным образом не определено место и значение творчества Соинуддина, в том числе его прозаических произведений, в истории литературы и суфизма конца XIV - первой половины XV вв. Проза мыслителя написана на двух языках – персидско – таджикском и арабском, с обильным использованием стихотворных отрывков. В настоящей статье

рассматривается писательская деятельность Соинуддина Худжанди на примере его прозы. В результате тематической классификации его проза разделяется на художественную, научно-образовательную, суфийскую и религиозную.

Key words: *history of Tajik-Persian literature, Soinuddin Khujandi`s creation, dynasty of Oli Khujand Isfakhona, imaginative prose, religious prose,* ***sufizm, khurufiya***

Khodja Ali ibn Mukhammad ibn Afzaluddin Khujandi Isfakhoni (1370-1433), known more under the title of Soinuddin (defense of religion) and under the name of Ibn Turka is undoubtedly one of the most outstanding scholars and thinkers of his epoch. The author notes that the number of Soinuddin`s compositions vacillates in the range of 42-70 books as it is determined by contemporaries and explorers of his creation; prosaic works constituting the major part. However, the majority of the scientist`s literary productions haven`t been published up to now being kept as manuscripts. It`s just for this reason that the place and importance of Soinuddin`s creation, his prosaic works inclusive, haven`t been established up to the present in reference to the history of literature and ***sufizm*** *referring to the period of the end of the XIV-th – the first half of the XV-th centuries. The thinker`s prose is written in two languages – Persian-Tajik and Arabic; versified fragments being used in abundance. The given article dwells on Soinuddin Khujandi`s literary activity; his prose being taken as an example. The thematic classification conducted divides his prose into the styles of belles-letters, scientific education,* ***sufizm*** *and religion.*

Афзал-ул-муҳаққиқин Хоҷа Алӣ ибни Муҳаммад ибни Афзалуддин Хуҷандии Исфаҳонӣ, мулаққаб ба Соинуддин ва маъруф ба Ибни Турка бешак яке аз маъруфтарин уламои рӯзгори худ мебошад, ки “муҳимтарин ҳалқаи робита миёни Садрои Шерозӣ, Бӯалӣ Сино ва Сӯҳраварди ва Ибни Арабӣ ва Насириддини Тӯсӣ аст” (9 ,чиҳил) , ки бидуни ӯ мактаби адабӣ ва фикрии Исфаҳон қобили мулоҳиза нест. Ҳамзамонон ва муҳаққиқони минбаъда теъдоди осори ӯро аз 42 то 70 китоб баршумурдаанд, ки аз ин миён бахши қобили таваҷҷӯҳ ва муҳимро осори насрии ӯ ташкил медиҳанд. Дар ин мақола ҳам ба қасди арҷгузорӣ ба ҳунари нависандагии Соинуддин осори насрии вай бо дар назардошти дастабандии мавзӯӣ ба сурати зайл муаррифӣ мешаванд: осори динӣ-мазҳабӣ, адабӣ, тасаввуф ва ирфон, ҳуруфия ва мантиқу фалсафа. Осори шинохташудаи ӯ ба шарҳи зайл аст:

Осори динӣ-мазҳабӣ.“Иҷозаи ривояти китоби ал-масобеҳ”. Соинуддин ин иҷозаро барои яке шогирдонаш Юнус, ки китоби масобеҳи ҳадисро назди вай хонда ва хостааст иҷозаи ривоят ба вай бидиҳад, таълиф кардааст. Ин китоб ба забони арабӣ навишта шуда, то ҳол нашр нашудааст. Қадимитарин ва мӯътабартарини нусхаи он дар рӯзгори Соинуддин нигошта шуда ва дар чанд мавзеи он хати муаллиф ба назар мерасад, ки таҳти шумораи 8503 дар Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон нигаҳдорӣ мешавад (9, чиҳилу ҳафт).

“Ал-арбаъиният”. Рисолаи мухтасаре аст ба забони арабӣ дар шарҳи ҳадиси “Ман ҳафиза арбаъина ҳадисан...”, ки барои фарзанди яке аз дӯстони худ дар 13 ҷумодиюлохири 828ҳ./ 11 майи 1425м. навиштааст. Ин рисола бо номҳои “ал-Хасоис” ва “Хасоис адад-ул-арбаъин” низ ёд гардида, дар баёни хусусиятҳои адади арбаъин ва арзишу аҳамияти он дар илми ҳуруф баҳс мекунад. Рисолаи мазбур ҳанӯз ба чоп нарасидааст ва дар такя ба феҳристҳои дастрас метавон гуфт, ки нусахи қаламии он дар китобхонаҳои Боязиди Туркия, зери шумораи 1825, амир-ул-муъминини Наҷаф,

маҷмӯаи шумораи 1754, Маҷлиси шӯрои миллии Эрон таҳти шумораи 8503, Мадраси сипаҳсолор маҷмӯаи 2930 нигаҳдорӣ мешавад (1, с. 112).

"**Асрор-ус-салот"**. Яке аз маъруфтарин ва маҳбубтарин осори мазҳабии Соинуддин аст, ки бо забони форсии тоҷикӣ дар шаҳри Ҳирот ба соли 820ҳ./1416 м. нигошта шудааст. Мусаллам аст, ки перомуни ин мавзуъ китобҳои бисёре аз ҷониби аҳли маърифат навишта шудааст " валекин ҳеҷ кадом аз онҳо ба пояи асрори намози Ибни Турка (яъне Соинудин.- С.М.) намерасад, вай аз тариқи маърифат ба ҳақоиқи илоҳӣ ва ирфони ҳуруфӣ ба асрори намоз пардохта ва бисёре аз усули аҳли ҳақиқатро дар он баён намудааст " (9, чиҳилу нуҳ).

Ин рисола аз як муқаддима ва ду боб фароҳам омада, боби аввал дар "маънии таҳорат ва таҳқиқи аркони маънавии он. Ва он ду саҳифа (яъне ду фасл.-С.М.) аст ва як тазниб". Боби дувум. "Дар таҳқиқи маънии намоз ва он муштамил аст бар муқаддимае ва панҷ саҳифа ва тазнибе. Муқаддима дар баёни бандагии тасхирӣ ва бандагии ихтиёрӣ. Саҳифаи аввал. Дар баёни маънии намоз ба урфи ом. Саҳифаи дувум. Дар таҳқиқи моҳияти намоз бар урфи хоси аҳли камол, ки ворисон ва наздикони ҳазрати Рисолатпаноҳи хатмианд" (11, с. 77-139).

Хоҷа Соинуддин ин рисоларо нахуст соли 820ҳ./ 1416 м. дар шаҳри Ҳирот навишта ва пас аз ҳашт сол,яъне дар 28 рамазони 828/ 16 июли 1424м. онро таҷдиди назар кардааст.Ин китоб дар маҷмӯаи расоили Соинуддин ба нашр расидааст (10).

"Рисолаи эътиқодот ё муътақидот". Аслан худи Соинуддин ин рисоларо чунин унвон нагузоштаст, вале аз матолиби китоб пайдост, ки дар боби муътақидоти худи ӯст ,бинобар ин, чунин номгузорӣ шудааст. Рисола дар радди туҳматаст,ки дар боби мазҳаб ва ақида ба вай нисбат дода, ӯро ба сӯфигарӣ муттаҳам карда буданд ва онро дар таърихи 19 ҷумодиюлаввали 829ҳ./ 9 майи 1425м. дар Ҳирот навиштааст.

"Эътиқод ё эътиқодия". Рисолаи кӯчаке аст, ки перомуни эътиқодоти худаш навишта, чунонки гӯяд: «Эътиқоди ин фақир(яъне Соинуддин.-С.М) ба ғайр аз он чӣ аиммаи суннат ва ҷамоат бар онанд, набуда…» (11, 299). Бояд гуфт, ки ин рисола дар ду сафҳа таълиф шуда, ғайр аз китоби дигаре аст,ки таҳти унвони "Эътиқодот" зикр гардид. Ин ду рисола ҳам ба забони форсии тоҷикӣ таълиф гардида, дар маҷмӯаи расоили Соинуддин нашр шудааст (11,259-300). Аслан Соинуддини Хуҷандӣ дар боби мазҳаб бисёр мунсифона сухан гуфтааст, ки мо дар ин бобат бамаврид мулоҳиза намудаем (5, с. 199-208).

"**Ар-рисолати-л-инзолияту ё инзолия"**.Ин рисола дар 7 рамазони 828ҳ./10 январи 1424 м.ба итмом расида, ҳаммонанди номи бисёре аз китобҳои ӯ аз мавзӯи рисола гирифта шудааст. Соинуддин дар ин рисола перомуни нузули китоби муқаддаси Қуръон ва маротиби он сухан гуфта аст.Дар муқаддима инзол ва аркони онро бад-ин тақриб шарҳу тавзеҳ намуда, ки инзол ҳаракате аст аз боло ба поён, бинобарин, иборат аз се рукн мебошад:1.Мо минҳу-л-ҳаракат: 2.Мо илайҳи-л-ҳаракат. 3.Мо фиҳи-л- ҳаракат (1,133). Рисолаи "Инзолия" ба тасҳеҳи адабиётшинос Мӯсавии Беҳбаҳонӣ соли 1349 ш./1971 м. чоп шудааст (1, с. 142).

"Ал-боийати". Рисолаи мухтасаре аст ба равиши суолу ҷавоб.Дар муқаддимаи рисола зикр шудааст, ки нафаре аз Соинуддин ҳикмати афзалияти ҳарфи "б" -ро бар тамоми ҳуруфи Қуръон мепурсад ва муаллиф ин рисоларо дар ҷавоби суоли зикршуда дар таърихи 828ҳ./ 1425м. навиштааст .Ин ду рисола ба забони арабӣ таълиф шудаанд.

" Туҳфаи Алоия". Ҳамонгуна ки аз исми китоб пайдост Соинуддин онро ба номи Алоуддавла фарзанди Бойсунғур дар таърихи 831ҳ./1427м. ба итмом расонидааст. Муаллиф ҳадиси "Рӯзе назди Расули Худо будем, ки ногаҳон марде бар мо зоҳир

шуд...”-ро шарҳ дода, дар ҳамин асос мартабаҳои ибодат: имон, ислом ва эҳсонро низ шарҳу тавзеҳ мекунад. Ин рисола аз шаш боб иборат мебошад: таҳорат, намоз, закот, рӯза, ҳаҷ ва аркону шароити ҳар як аз он. Мавзӯъҳои зикршуда ба сурати татбиқӣ миёни чаҳор фирқаи аҳли суннат баррасӣ шудааст. Ин рисола соли 1973 дар Теҳрон ба нашр расидааст (11, с. 155- 204).

“Саллам дору-с-салом”. Унвони комили ин китоб “Саллам дору-с-салом фӣ баёни ҳукми аркони-л- ислом” буда, мавзӯи баҳси он аҳком ва аркони панҷгонаи исломӣ аст, ки дар як муқаддима, панҷ боб ва хотима мураттаб шудааст. Дар муқаддима перомуни маънии ибодат ва анвоъи он сухан гуфта , боби аввал дар баёни калимаи шаҳодатайн, боби дуюм дар баёни ҳикмати намоз ва шароити он, боби сеюм дар баёни закот,боби чаҳорум дар баёни рӯза ва боби панҷум дар баёни ҳаҷ мебошад .Ҳар ду рисола ҳам ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудаанд.

“Шарҳи ҳадиси аъмоъ”. Ин асар кӯтоҳтарин рисолаи Хоҷа Соинуддин мебошад, ки дар тафсири ин ҳадис: “Худо пеш аз офариниши махлуқот дар куҷо буд?”. Ҳазрати Муҳаммад(с) дар ҷавоб гуфт:“Кона фӣ иъмоин мо фавқа ҳавоу ва мо таҳта ҳавоу” (11,310) таълиф гардидааст. Ин рисола бо унвони “Шарҳи ҳадиси ғамом” низ ёд гардида, ба забони форсии тоҷикӣ дар таърихи 827ҳ./ 1424 м. ба итмом расидааст. Рисолаи мазбур ҳам дар Теҳрон чоп шудааст (11, с. 311-313).

“**Шарҳи ҳадиси ал- имон ё шарҳи ду ҳадиси набавӣ**”. Рисолаи кӯчаке аст ҷамъан дар ду сафҳа ба равиши фалсафӣ ва ирфонӣ дар тафсири ин ду ҳадис: **“Инна ли кулла шайъин қалбан ва қалбу-л- қуръони ёсин”** ва “ **унзила-л- қуръону ало сабъати аҳруфин**”.Касе аз Соинуддин шарҳи ин ду ҳадисро пурсидааст ва муаллиф ба илтимоси суолкунанда ин рисоларо нигоштааст.Ин рисола низ ба забони форсии тоҷикӣ навишта шуда, соли 1973 дар Теҳрон мунташир шудааст (11, с. 315-318).

“**Шарҳи ҳадиси “Хайру-л-ҳадиси китобу-л-Лоҳи...ва куллу бидъатин залолата”.** Соинуддини Хуҷандӣ ин рисолаи кӯчакро ба забони арабӣ барои Рукниддин Соиди Кирмонӣ ба равиши аҳли ҳақ таълиф кардааст (14, наваду ду).

“Ар-рисолат-ул-Муҳаммадияту”. Рисолаест ба забони арабӣ дар шарҳи ин мавзуъ, ки “чи гуна аҳкоми шаръи муҳаммадиро бидуни тавассул ба фунуни ақлӣ ва улуми зоҳирӣ аз худ он чи бар Пайғамбар (с) нозил шуда, метавон истинбот кард” (1, с. 162). Китоби “ ал-Муҳаммадият” ҳанӯз ба чоп нарасидааст, аз мавҷудияти нусахи он адабиётшинос Беҳбаҳонӣ иттилоъ додааст. Соинуддин ин китобро дар шавволи 828ҳ./ августи 1425 м. ба поён бурдааст.

“Шаққи қамар ва баёни соат”.Ин рисола бо номҳои **“Шаққ-ал-қамар”** ва шарҳи ояти **“иқтарабати-с-соату ва-н- шаққа-ал-қамару**” ҳам маъруф мебошад. Соинуддин сабаби иншои онро дар муқаддима баён намуда, дар маънии шаққ-ул-қамар ва «соат» дар партави ҳадиси «Барои Қуръон ҳафт батн» аст, назари ҳафт табақа росихони илмро тавзеҳ додааст:

Табақаи аввал. Аҳли зоҳиранд, яъне муҳаддисони каломи набавӣ. **Табақаи дуюм**. Ҳам аҳли зоҳиранд, валекин аз мартабаи тақлид гузашта, ба поймардии фикру назар роҳ бурда…**Табақаи сеюм**. Ҳукамои зоҳир ва мутаахирон эшонанд. **Табақаи чаҳорум**. Ҳукамои қадим, ки ба урфи замон эшонро ишроқиён хонанд. **Табақаи панҷум.** Муҳаққиқони сӯфианд ва аҳли шуҳуд. **Табақаи шашум**. Рамзхонии ҳуруфи қуръонианд. **Табақаи** ҳафтум. Мартабаи авлил ядӣ ва-л-абсор (11, с. 153). Соинуддин мулоҳизаи ҳафт табақаро доир ба шикофтани моҳ оварда,сипас назари худашро баён кардааст. Китоби “Шаққ-ал қамар”-и Соинуддин дар 829 ҳ./ 1426 м. ба забони форсии тоҷикӣ навишта шуда, соли 1973 дар Теҳрон ба зевари табъ ороста гардидааст (11, с. 139-155).

“**Мадоричи афҳом”.** Яке аз китобҳои бисёр муҳими Соинуддин, рисолаи ҳозир аст, ки дар тафсири ояти “Самонията азвоҷин мина-з-зани-с-найни ... навишта шудааст. Ҳокими Мозандарон Разиаддини Алӣ таи номае аз Соинуддин хостааст ояти фавкро шарҳ кунад. Бинобар ин ,муаллиф ба шарҳи ояи мазкур мепардозад ва онро дар ду мақола баррасӣ мекунад: **“ мақолаи аввал:** нақду баёни суханон ва муфассирони зоҳир**. Мақолаи дувум**: нақду баёни гуфтори орифони маорифи вилоят”. (13, с. 55).Мақолаи аввал шомили ду васл буда, мақолаи дувум бошад, шомили шаш табақа мебошад:

Табақаи аввал: нақди суханони сӯфияи зоҳир**. Табақаи дувум:** нақди суханони ҳукамои рас**мӣ. Табақаи савум:** баррасии гуфтори муҳаққиқони сӯфия.**Табақаи чаҳорум:**нақди дарёфти зурафои сӯфия. **Табақаи панчум:** нақди суханони воқифони забони анбиёи мурсал. **Табақаи шашум:** гуфтори маҳрамони ҳарамсарои хатмии вилоят. Зоҳиран ин табақабандӣ боис гардида, ки ин рисоларо бо номи “Мадоричи афҳом” бихонанд, зеро Соинуддин дар ҳеҷ мавзее аз ин китоб ба ин ном ишора накардааст. Ба қавли адабиётшинос Моили Ҳиравӣ вай ин нигоштаашро бо номи “таълиқот”хондааст (13,56). Санаи навишти китоб дар таърихи 831ҳ./ 1428 м. ҳангоми табъиди Соинуддин аз шаҳри Ҳирот дар Мозандарон иттифоқ афтодааст. Рисолаи “Самонияти азвоҷ” ба эҳтимоми Наҷиб Моили Ҳиравӣ дар Теҳрон чоп ҳам шудааст (13).

“Шарҳ-ул-бисмиллаҳ”. Шарҳу тафсири “Бисмиллоҳ” ба забони арабӣ,бар пояи усули аҳли маърифат ва илми ҳуруф. “Дар номае, ки Қозизодаи Румӣ” ба муаллиф фиристода, аз ин рисола бо таҷлил ёд намудааст.Соинуддин ин китобро дар 829 ҳ./ 1426 м. навиштааст.

“Муҳри нубувват”. Рисолаи кӯтоҳе аст перомуни шарҳи муҳри пайғамбар ба забони арабӣ, ки дар таърихи 831ҳ./ 1428 м. ба поён расидааст. Ин рисола ҳанӯз ба нашр нарасида, аз рӯи гуфтаҳои адабиётшинос Дебоҷӣ аз се нусахи он иттилоъ ёфтем, ки дар китобхонаҳои Эрон нигаҳдорӣ мешаванд (1, с. 130).

Осори адабӣ. Аз Соинуддини Хуҷандӣ осори бисёре ба забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ бар ҷой мондааст, ки ағлаб ба сурати маҷмӯаи расоил дар китобхонаҳои Эрону Туркия, Ҳинду Покистон, Британия ва Тошканд нигаҳдорӣ мешаванд.То ҳол нисфи ин осор ба чоп нарасидаанд ва бахше аз онҳоро рисолаҳои мансури адабии муаллиф ташкил медиҳад. Бинобар ин, бо тартиби мақом ва дараҷаи то кунун шинохта шуданашон осори адабии Хоҷа Соинуддинро ба шарҳи зер муаррифӣ мекунем:

Шарҳи «Ламаот» ё «Зуъ-ул-Ламаот». Аз муҳимтарин китоби Соинуддини Хуҷандӣ мебошад, ки дар шарҳу тавзеҳи яке аз маъруфтарин осори мансури ирфони назарӣ - «Ламаот»-и Ироқӣ, бо забони форсии тоҷикӣ таълиф шудааст. Агар кулли муҳаққиқон нахустин шарҳи “Ламаот”-ро Ламаҳот фӣ шарҳи-л-ламаот”-и Шайх Ёралӣ ибни Абдуллоҳи Шерозӣ (ваф.812-816ҳ./ 1409-1413м.) дониста бошанд, пас аз назари замон ва санаи таълиф “ Зуъ-ул-ламаот”-и Соинуддин дуюмин шарҳест бар ин китоб, ки соли 815ҳ./1411м. таълиф шудаст. Муаллиф дебоча ё хутбаи оғозини китоби “ Ламаот”-ро ба насри зебо тафсир карда, сипас шарҳи бисту ҳашт ламъа бо тартиби муайян, бо насри пухтаю илмӣ ва ороста баён мешавад. Китоби “ Зуъ-ул-Ламаот” ба тасҳеҳи Беҳбаҳонӣ ва Дебоҷӣ дар Теҳрон чоп шудааст (11, с. 15-77).

“Базм ва разм”. Ҳамонгуна, ки аз унвони китоб бармеояд мунозира ва моҷароест миёни шамшер ва қалам, “ қазовати ин баҳс ва ҷадал ба ақл ва завқ вогузор гардида ва қалами тавонои Ибни Турка онро ба сурате дилнишин сохта ва пардохтааст. Китоби “Базм ва разм” таърихи 829ҳ./ 1426 м. таълиф гардида, аз мавҷудияти

нусхаҳои он аз рӯи навиштаҳои адабиётшиносон Дебоҷӣ ва хонум Неъматӣ огоҳӣ дорем (1, с. 119; 14, ҳаштод).

"**Ақл ва ишқ ё мунозироти хамс".** Маъруфтарин китоби Соинуддин аст,ки дар қолаби достонҳои дилнишин ва мутаассир аз достонҳои рамзии Ибни Сино ва Сӯҳравардӣ (Шайхи Ишроқ) дар авохири муҳаррами 808ҳ./ ноябри 1406 м. ба забони форсии тоҷикӣ нигошта шудаст. Рисола бо равиши рамзӣ- ирфонӣ навишта шуда, мафҳумҳои ақлу ишқ, ваҳму хаёл, ҳусну илҳом ва монанди ин, ки қувваҳои инсонианд, ҳамчун шахсият зуҳур мекунанд ва ба моҷарои ҳамдигар бармехезанд. Унвони аслии китоб «Мунозирот» («Ақлу ишқ») будааст. Ба хотири ин ки мундариҷа ва мазмуни рисола аз мунозираҳои ақлу ишқ иборат аст, ин китоб «Ақлу ишқ» ном гирифтааст.Аз мӯҳтавои рисола ҳам пайдост, ки мунозироти панҷгонаи он ба қарори зайл аст: 1. Мунозираи ақл бо ишқ 2. Мунозираи ваҳм бо ақл 3. Мунозираи ваҳм бо хаёл 4. Мунозираи самъ бо басар 5. Мунозираи ошиқ бо маъшуқ.

Хонум Ҷудии Неъматӣ дар асоси муқобала ва муқоисаи даҳ нусхаи хаттӣ ин рисоларо тасҳеҳ намуда , дар Эрон ба чоп расонидааст (9).

"**Муншаот"**. Адабиётшинос Баёнӣ нусхае аз мактуботи Соинуддинро дар маҷмӯае муаррифӣ карааст (4, с. 238). Ин маҷмӯа шомили осори донишмандоне мебошад, ки дар қарни ҳаштум ва нуҳуми ҳиҷрӣ мезистаанд ва шахсе бо номи " Қивом" онҳоро дар ҳудуди соли 878ҳ./1472 м. тадвин кардааст. Маҷмӯа муштамил аст бар муншаоти Соинуддин Алӣ " шомили макотибе, ки аз тарафи умаро ва бузургон ба Шоҳрух ва Бойсунғур ибни Шоҳрух ва Сайид Зайнулобиддин ва амир Юсуфхоҷа навиштааст ва ба дунбол макотиби мутааддиди ихвонӣ дорад" (4, 237).

"Номаҳо". Илова бар номаҳое, ки дар маҷмӯаи Баёнӣ муаррифӣ шудаанд, адабиётшинос Дебоҷӣ дар маҷмӯаи дигар ҳудудан даҳ номае аз Соинуддин шинохтааст, ки ба Алоуддин ибни Бойсунғур, амир Коркиё, Хоҷа Муҳаммад Каҷаҷӣ, амир Алоуддини Гелонӣ, Ҳасани Аттор, амир Фирӯзшоҳ ва номаҳои ирфонӣ шинохта шудаанд (9, панҷоҳу ҳафт). Дар баробари ин Муҳаммадтақӣ Донишпажӯҳ чанд номаи дигар дар зайли осори Соинуддин овардааст, ки ба онҳо ишора мекунем: «Соли Насириддини Тӯсӣ фӣ мактуби Садриддини Қунавӣ", «Номаи ӯ ба Сайид Неъматуллоҳ аз Исфаҳон ба Язд», «Ду мактуби ӯ ба истидъои амир Неъматуллоҳ»,«Мактуби ӯ аз Қозизодаи Румӣ», «Номаи ӯ ба «Шарфо» (Алии Яздӣ) «Номаи ӯ ба амир Фирӯзшоҳ», «Мактуби Ҳазрати Саййидшариф Ҳусайни Ихлотӣ» (2, с. 307-312).

"Нафсат-ул-масдури аввал". Замоне, ки фуқаҳои Ҳирот Соинуддинро ба сӯфигарӣ туҳмат мекунанд вай дар дифоъ аз худ барои Шоҳрухи Темурӣ ин китобро ба сабки адабӣ ва ирфонӣ навишта, дар он ба тафсил аз саргузашти худ ёд кардааст. Ин рисола шомили як муқаддима ва ду васл мебошад. Дар муқаддима аз шарҳи ҳоли худ ва хонадонаш сухан гуфта, дар зимн аҳволу авзои иҷтимоӣ ва ахлоқии он рӯзгорро баён кардааст. Дар васли аввал нуҳ ҳадиси набавиро, ки дар мазаммати бидъат гуфта шудаанд, шарҳ медиҳад.Таълифи китоб санаи 829 ҳ./ 1426 м. дар шаҳри Ҳирот иттифоқ афтодааст.

"**Нафсат-ул-масдури дуюм**". Соли 830 ҳ./ 1427 м. Аҳмади Лур Шоҳрух Мирзоро дар масҷиди ҷомеи Ҳирот маҷрӯҳ сохт ва иддае донишмандон, аз ҷумла Соинуддинро ба он вокеа туҳмат намуданд. Ба ҳамин ҷиҳат муаллиф китобе бо унвони "Нафсат-ул-масдури дуюм" навишт ва шарҳи ҳоли худу хонаводаашро дар он баён карда, аз ҳокими вақт Мирзо Бойсунғур кӯмак ҳам хостааст. Адабиётшинос Беҳбаҳонӣ санаи навишта шудани онро 838ҳ./1435м. донистааст, ки чандон саҳеҳ нест. Зеро Соинуддин соли 836ҳ./1433м. даргузаштааст. Ба занни қавӣ таърихи таълифи ин рисола ба воқеаи

Аҳмади Лур рост меояд ва тахмин меравад, ки Соинуддин онро зимни мусофарат дар 830-831ҳ./1427-1428м. навиштааст.Ҳар ду рисола ба забони форсии тоҷикӣ таълиф гардида, дар маҷмӯаи расоили Соинуддин ба зевари табъ ороста гардидаанд (10, с. 205-239).

“Шарҳи “Гулшани роз”. Бархе адабпажӯҳон, аз ҷумла Беҳбаҳонӣ ишора кардааст, ки гӯё ҳамон рисолаи “ Ақлу ишқ” аст, аммо Ҷудии Неъматӣ бар он аст, ки Соинуддин китобе бо унвони “Шарҳи Гулшани роз”дорад, аммо номе аз муаллиф бурда нашудааст (14 , наваду ду). Дар ин маврид бояд гуфт, ки ин рисола ба забони форсии тоҷикӣ навишта шуда, дар баъзе феҳристҳо ба номи Соинуддин сабт шудааст ва ҳатто ба эҳтимоми Козими Дузуфулиён “Матн ва шарҳи Гулшани роз” бар асоси панҷ шарҳи қадимтарини “Гулшани роз” аз ҷумла шарҳи Соинуддин мунташир шудааст (3). Ҳангоми муқоиса ҳам равшан гардид, ки матни он аз “Ақлу ишқ” тавофут дорад.

“Шарҳи даҳ байт аз Ибни Арабӣ”. Ин рисола ба равиши ирфонӣ перомуни тафовут миёни “вуҷуд” ва “кавн” ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст. Дар оғози он омада, ки азизе аз толибони кӯи яқин тарҷимаи ин даҳ байтро аз ман ил-тимос намуд, бар асоси ин гузориши шоиста ба миён омад. Ин китоб дар 838 ҳ./ 1435 м.дар Шероз нусхабардорӣ шуда, соли 1973 дар Теҳрон нашр шудаааст (11, 324-332).

Тасаввуф ва ирфон. Осори дар ин замина навиштаи Хоҷа Соинуддин бахши муҳим ва қобили асарҳои мансури ӯро ташкил мекунанд,ки зайлан якояки онҳо ба таври иҷмол муаррифӣ хоҳанд шуд: **“Тамҳид-ул-қавоид”.** Унвони комили ин китоб “ат-Тамҳид фӣ шарҳи қаводи-т-тавҳид” буда, аз ҷумлаи осори арзишманд дар ин замина маҳсуб мешавад, ки ба забони арабӣ дар таърихи 830ҳ./ 1427м. дар Шероз навишта шудааст.Китобе аст ба равиши ирфони Ибни Арабӣ дар шарҳи “Қавоиди-т-тавҳид” - и ҷаддаш Садриддин Абӯҳомид Муҳаммад, ки “аз дер боз дар маҷолис ва маҳофили илмӣ ва ҳавзаҳои бахсӣ ва дарсӣ шинохта шуда будааст ” (9,панҷоҳу се).То кунун ин китоб панҷ маротиба дар Теҳрон ба нашр расида, охирон тасҳеҳи он ба кӯшиши Ҳасанзода Омулӣ сурат гирифтааст (6).

“Шарҳи “Назм-уд-дурар”. Ибни Фориз (ваф.632ҳ./ 1237м.) қасидае дорад, ки абёти он ба ҳарфи “т” ба охир мерасад ва ба “Қасидаи тоия” шӯҳрат дорад. “Ин қасида дар он ҳад аз аҳамият ва азамат будааст,ки бузургоне аз аҳли ирфон ҳам чун Садриддини Қунавӣ онро ба дарс мегуфта...”(9 ,панҷоҳу панҷ). Соинуддин бар ин қасида ду шарҳ яке ба форсӣ ва дигаре ба арабӣ бар мабонии ирфони назарӣ дар 806 ҳ./ 1404 м. навишт. Вай ин шарҳро бо дархости ҷамъе аз азизон ба анҷом расонида, ки шомили муқаддимае бар як асл ва чаҳордаҳ васл мебошад. Ин қасида дорои 760 байт мебошад ва Хоҷа Соинуддин онро бо усули таҳлили байт ба байт ба сабки насри фаннӣ тафсир кардааст. Илова бар ин, Соинуддин ин қасидаро ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума ҳам кардааст, ки матни он дар канори ҳамин шарҳ бо муқаддима ва тасҳеҳи хонум Ҷудии Неъматӣ дар Теҳрон ба зевари табъ ороста гардидааст (14).

“Шарҳ-ут-тоияти-л-кубро”. Ин рисола шарҳи арабии “Қасидаи тоия” ё “Назм-уд-дурар” мебошад, ки шомили муқаддима ду асл ва як тазниб аст.Шеваи нигориш дар шарҳи арабӣ ба ҳамон равиши шарҳи форсӣ аст.Танҳо дар ин рисола нахуст луғот ва истилоҳоти душвори ирфонӣ шарҳу тавзеҳ гардида,сипас Соинуддин барои такмил ва тақвияти андеша аз ашъори шуарои араб шоҳид овардааст.Тасаллути Ибни Фориз дар шеъри ирфонӣ чунон аст, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ танҳо бо ашъори ирфонии Ҳофиз қобили муқоиса будааст. Бинобар ин, шарҳу тавзеҳи ингуна осор аз донишмандӣ ва тасаллути Соинуддин дар ирфон ва адабиёти арабӣ гувоҳӣ медиҳад. “Шарҳ-ут-тоияти-л-кубро” ҳам дар Теҳрон чоп шудааст (15).

“Шарҳи “Фусус-ул-ҳикам”. “Фусус-ул-ҳикам” муҳимтарин китоби Ибни Арабӣ дар ирфони назарӣ аст, ки донишмандони зиёде бар он шарҳ навиштаанд. Аз зумраи касоне ки ин китобро мавриди назар қарор дода, Хоҷа Соинуддин аст.“Шарҳи “Фусус-ул-ҳиками Ибни Турка дар миёни шарҳҳое, ки бар ин китоб нигориш ёфта, назир надорад” (11, панҷоҳу панҷ). Ин китоб таърихи 831ҳ./1428 м. ба забони арабӣ навишта шуда, ба кӯшиши Муҳсини Бедорфар дар Теҳрон ба чоп расидааст (16).

“Атвори салоса”. Ин рисола бо номи “Атвори сулсаи тасаввуф” низ маъруф буда, соли 828ҳ./ 1425м.ба забони форсии тоҷикӣ нигошта шудааст. Муаллиф сӯфияро ба се гурӯҳ тақсим мекунад: муҳаққиқон, аброр ва ахёр. Мустанади Соинуддин дар ин тақсимбандӣ ояти 32-юми сураи Фотир буда, таври “муҳаққиқ”-ро ба Ибни Арабӣ интисоб додааст. Тариқаи «аброр»-ро ба Наҷмиддини Кубро ва «ахёр»-ро бошад ба Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ мансуб медонад. “Атвори салоса”ҳам, ба тасҳеҳи Ҳусайни Довудӣ дар Теҳрон мунташир шудааст (8).

“Истилоҳоти сӯфия”. Ин рисола ба тартиби алифбоӣ тадвин шуда, дар баъзе нусхаҳо бо унвони “Ҳавошии истилоҳот аз ҳар ҷо навиштаанд”, омадааст. “Маълум мегардад, ки ин мухтасари ёддоштҳое буда, ки вай дар гӯша ва канор навишта буда ва пас аз он мураттаб сохта ” (9, ҳаштоду се). Ин китоб дар соли 829ҳ./ 1426м. ба забони арабӣ таълиф гардида, то кунун рӯи чопро надидааст. Нусхаҳои он дар китобхонаҳои Маҷлиси шӯрои миллӣ ва Мадрасаи Сипаҳсолори Эрон нигаҳдорӣ мешаванд.

“Рисолаи қобилият”. Рисолае аст перомуни истеъдод ба равиши аҳли маърифат, ки ба забони форсии тоҷикӣ тадвин шуда, соли 1973 чоп гардидааст (10, с. 145-152).

“Шарҳи хутбаи тафсири “ал-Кашшоф”. Ҳамонгуна ки аз унвони китоб пайдост шарҳу тавзеҳи хутбаи тафсири “Кашшоф”-и Замахшарӣ мебошад. Ин рисола ба забони арабӣ нигошта шуда, то ҳол нашр нагардидааст, вале аз мавҷудияти се нусхаи қадимӣ ва муътабари он тибқи навиштаҳои Мӯсавии Беҳбаҳонӣ огоҳӣ дорем.

Осори ҳуруфӣ. Ба қалами Соинуддини Хуҷандӣ як зумра осори арзишманд бар мабнои ирфони ҳуруфӣ таълиф шудаанд ва аҳли фан ҳам ӯро аз муассисон ва бунёдгузорони мактаби ирфони ҳуруфӣ донистаанд, ки “ҳеҷ як аз донишмандони исломӣ дар ин илм ба пояи ӯ намерасанд ” (9, панҷоҳу ҳафт). Асарҳое, ки дар ин бобат навишта шудаанд, ба таври зайл муаррифӣ мешаванд:

“Рисолаи ҳуруф”. Рисолаи кӯтоҳе аст дар усул ва муқаддамоти илми ҳуруф барои мубтадиён дар шаҳри Язд соли 828ҳ./ 1425м.ба забони форсии тоҷикӣ тасниф шудааст. Дорои як муқаддима, се асл ва як тазниб аст. Рисолаи мазбур ба зевари табъ ороста нагардида, аз се дастхати он дар маҷмӯаи шумораи 8503 китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон ва феҳристи Бодлиён (Ш1298Г45-47) огоҳӣ ёфтем (1, с. 118).

Ал-мафоҳис. Муҳимтарин китобе аст, ки дар илми ҳуруф ва адад ба арабӣ нигошта шуда**,** ба гуфтаи мусанниф мавзӯи баҳси он “воҳид бимо ҳува воҳид” аст. Дар як муқаддима, чаҳор саҳифа тадвин шуда, ки муқаддима дорои ҳафт мафҳас мебошад (9 ,панҷоҳу ҳашт). Муаллиф дар ин китоб доирае оид ба илми адад кашидаст, ки онро “доираи таҳвия” меномад. “Ал-мафоҳис” то имрӯз ба чоп нарасида, нусхаҳои он дар феҳристҳои Китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон, донишкадаи Илоҳиёт ва остони Қудси Разавӣ муаррифӣ шудаанд. Донишпажӯҳ бар онаст, ки ин китоб дар шаъбони 823ҳ./ июли 1420 ба анҷом расида, дубора дар 14 шавволи 828ҳ./ 15 июли 1420 м. бад-он боз нигариста ва бандҳое илова кардааст .Нусха ба хатти Алии Яздӣ навишта шуда, дар оғоз ва охири он хатти Соинуддин ҳам дида мешавад (2, с. 308; 1, с.115).

Суол-ул-мулук. Рисолае аст дар баёни илми ҳуруф**,** ки бо дархости амирзода Бойсунғур ба забони форсии тоҷикӣ тадвин гардида, аз муқаддима ду васл ва як хотима иборат мебошад. Дар муқаддима доир ба илми ҳуруф ва ҳақоиқи он сухан рафтааст.Васли аввал дар маънии хавоси ҳуруф, дорои се боб. Васли дувум дар бахши назарии илми ҳуруф, шомили се сухан. Номи дигари ин рисола дар баъзе феҳристҳо "Мақбул-ул-мулук" сабт шудаст (14, навадуду).

Анҷом. Ба забони форсии тоҷикӣ нигошта шуда, фарқи миёни илми ҳуруфро аз илми тасаввуф баён кардааст. Аз муқаддима, ду васл ва як хотима иборат мебошад.Ин рисолаи кӯчак ба саъй ва эҳтимоми Иброҳими Дебоҷӣ дар маҷаллаи донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон ба чоп расидааст (12).

Нуқта. Рисолаи кӯчаке аст дар баёни "Анан-н-уқтати-л-латий таҳту-л-боъи " ба равиши ҳуруфиён, ки таърихи 828ҳ./ 1425 м.ба забони форсии тоҷикӣ нигошта шудааст."Рисолаи нуқта" то ҳол ба зевари табъ ороста нагардида,аз мавҷудияти нусхаҳои он аз маълумоти феҳристҳо огоҳӣ дорем.

Осори фалсафӣ. Хоҷа Соинуддин дар заминаи фалсафаи исломӣ низ як зумра расоили арзишманд ва мондагор тасниф кардааст, ки дарвоқеъ бидуни вай мактаби фалсафии Исфаҳон қобили мулоҳиза ва дарёфт нест. Осори фалсафии ӯро ба тартиб баён мекунем:

"Мабдаъ ва маод". Бо дархости шоҳ Разиуддини Алӣ дар як муқаддима, ду боб ва хотима ба равиши аҳли ҳақ дар 832ҳ./1429м. ба забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст. Муқаддима дар тақсими навъи одамӣ. Боби аввал дар мабдаъ ва маод ба забони аҳли назар. Боби дуюм дар мабдаъ ва маод ба забони урафо (2, с. 309).

"Шарҳи таҷаллии зотӣ". Шарҳу тавзеҳи китоби "Таҷаллии зотӣ"- и табиби Испониё Ҳасан ибни Иззуддавла (ваф.697ё 699ҳ./ 1298м.) маъруф ба Ибни Ҳуди Мағрибӣ мебошад, ки ба забони арабӣ таълиф гардидааст. То кунун ба нашр нарасида, доир ба се нусхаи он адабиётшинос Беҳбаҳонӣ иттилоъ додааст.

"Тақдим-ул-ақл алан-н-афс". Ин рисола дар "тақдими ақл бар тамоми қуввахои нафсонӣ дар чаҳор маслак, ба тариқи аҳли маърифат ба забони арабӣ таълиф гардидааст. Рисолаи мазбур низ то имрӯз ба чоп нарасида, аз нусхаҳои он дар китобхонаи мадраси Сипаҳсолори Эрон ва микрофилми Донишгоҳи Теҳрон огоҳӣ дорем.

"Рисола дар шарҳи ҳақиқати вахдати мутлақаи зотия". Соинуддин дар ин рисолаи кӯтоҳ вахдати мутлақи зотиро ба забони арабӣ шарҳу тавзеҳ кардааст. Дар баъе феҳристҳо ба номи " ал-хатмия" ҳам сабт шудааст.То ҳол чоп нагардида, роҷеъ ба нусхаҳои он аз маълумоти феҳристҳо огоҳӣ пайдо намудем (1, 119).

"Маънии илми сарф". Рисолаи кӯтоҳе аст, ки дар баёни илми сарф навишта шуда, масоили ин илмро аз назари ирфонӣ тафсир мекунад. Ин рисола бо номҳои "Рисола фӣ хавоси илми сарф" ва "Сарф-ул-қулуб"-и Соинӣ ҳам маъруф мебошад. Соинуддин ба монанди "Наҳв-ул-қулуб"-и Қушайрӣ " вачҳи ҳар як аз афъол дар чаҳордаҳ сиғаро бар асоси мактаби ҳуруфӣ" (11, с. 308) баён намудааст. Рисолаи мазбур дар маҷмӯаи расоили Соинуддин ба нашр расидааст(11, с. 307-311).

"**Рисолаи муаммо".** Муаллиф ба сабки хоси худ усулу қавоиди муамморо шарҳ кардааст.Ин рисола то кунун нашр нашуда, аз мавҷудияти нусхаи он, ки дар китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон нигаҳдорӣ мешавад, огоҳӣ дорем (1, с.120). Ин ду рисола ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудаанд.

"Ал-маноҳиҷ фи-л- мантиқ ".Чунонки аз унвони китоб фаҳмида мешавад дар илми мантиқ ба забони арабӣ тадвин гардида, аз як муқаддима ва чаҳор манҳаҷ фароҳам омадааст. Яке аз осори пурмояи Соинуддини Хуҷандӣ китоби "ал-маноҳиҷ"

аст, ки дар рачаби 833ҳ./ майи 1430 м. барои фарзандаш Муҳаммад дар шаҳри Натназ нигошта шудааст. Ин китоб ба саъй ва эҳтимоми Иброҳими Дебочӣ дар Теҳрон омода ва нашр шудааст (9).

“Исбоҳ-ул-анвор.” Ин китоб дар ҳеч як феҳристҳое, ки ба муаррифии осори Соинуддин пардохтаанд, ишора нашудааст.Адабиётшинос Чудии Неъматӣ бар асоси гуфтаҳои худи Соинуддин дар рисолаи “Туҳфаи Алоия” аз мавчудияти чунин китоб доштани ӯ барои аввалин бор иттилоъ додааст (14, ҳаштоду нуҳ).

“Махзан-ул-ғароиб”. Адабиётшинос Мӯсавии Беҳбаҳонӣ ин китобро дар феҳристи Бодлиён ба номи Соинуддин дидааст(1, с.110).

Дар феҳристи Мунзавӣ ду рисола ғайр аз он чи то ҳол муаррифӣ гардид, ба Соинуддин нисбат дода шудаст, ки инҳоянд: “Маҳич-ул-ашвоқ” ва “Маъчуни Илоҳӣ” (14, наваду нуҳ).

Ҳамин тавр, бо таваччуҳ ба таърихи китобати ин осор метавон гуфт, ки тасни-фоти Соинуддин Хучандии Исфаҳонӣ аз синни 36-солагӣ оғоз гардида, нахустин китоби нависанда “Шарҳи “Назм-уд-дурар”мебошад, ки дар ирфони назарӣ ба шеваи насри адабӣ навишта шудааст.Асарҳои мансури нависанда аз нигоҳи фарогирии мавзӯъ ва мундарича ба анвои зерин тақсим мешаванд: осори мансури адабӣ, асарҳои илмӣ- таълимӣ, тасаввуфу ирфон, улуми динӣ ва шарҳу тафсир. Вай бештаринаи ин осорро дар тӯли 25 сол миёни солҳои 806 то 836 ҳ./ 1404 то 1433м., ки соли вафоти ӯст, иншо кардааст.

Метавон ба чунин натича расид, ки яке аз вежагиҳои сабкии осори Соинуддин танаввуи мавзуӣ дар таълиф ва шеваи баён будааст. Ё ба баёни дигар унсурҳои ташкилкунандаи андешаҳои вай иборатанд аз шариат, ирфон, фалсафа ва афкори ҳуруфӣ. Муҳим он аст, ки ин китобу рисолаҳо чи форсии точикӣ ва чи арабӣ ба шеваи насри фаннӣ навишта шуда, гузашта аз мақоми илмӣ дар олами худ тозагӣ доранд ва Соинуддин ҳам аз зумраи донишмандоне мебошад, ки шеваи фанниро дар мавриди масоили илмӣ ба кор бурдааст. Бинобар ин дар ҳар боб навиштаҳое дорад, ки бар устодии вай гувоҳӣ медиҳанд. Нигорандаи ин мухтасар дар такя ба маълумоти нусахи хаттии осори суханвар ва маълумоти сарчашмаҳои зери даст буда, то кунун беш аз 70 асар ба форсии точикӣ ва арабӣ аз Соинуддин шинохтааст.

Аммо аҳволу афкор ва хусусиёти сабкаш дар назму наср барои чомеаи фарҳангии форсизабонон ба шоистагӣ омӯхта нашудааст. Шояд бад-он сабаб бошад, ки тамомии осори нависанда ба нашр нарасида ва мавриди нақду баррасии ҳамачониба қарор нагирифтааст. Бинобар ин, чойгоҳи мақом ва осори Соинуддини Хучандии Исфаҳонӣ дар таърихи адабиёти форсии точикии асри понздаҳуми мелодӣ ба сурати комили илмӣ муайян нашудааст ва ниёз ба баррасӣ ва мулоҳизаи амиқ дорад.

Вожаҳои калидӣ: *Соинуддини Хучандӣ, таърихи адабиёт, насри адабӣ, осори динӣ, тасаввуфӣ, ҳуруфия*

Пайнавишт:

1. *Беҳбаҳонӣ, Сайидалӣ. Аҳвол ва осори Соинуддини Туркаи Исфаҳонӣ ба инзимоми рисолаи “ Инзолияи”-и ӯ// Маҷмӯаи суханрониҳо ва мақолаҳо дар бораи фалсафа ва ирфони исломӣ/ Сайидалӣ Беҳбаҳонӣ .-Теҳрон: Мутолиоти исломӣ, 1349. С. 110-132.*
2. *Донишпажӯҳ, Муҳаммадтақӣ. Маҷмӯаи расоили Хучандӣ/ Муҳаммадтақӣ Д. // Фарҳанги Эронзамин.–1345.–Чилди 4. – С. 307-312.*
3. *Маҳмуди Шабистарӣ. Гулшани роз (матн ва шарҳ) бар асоси қадимитарин ва муҳимтарин шурӯҳи “Гулшани роз”. Ба эҳтимоми Козими Дузуфулиён / Шабистарӣ М .-Теҳрон: Тиллоӣ,1393.- 656 с.*

4.Маҳдии Баёнӣ. Маҷмӯаи муншаот / Баёнӣ М. //Раҳнамои китоб.-1340.-Соли чаҳорум, ҷилди 3. - С.237.
5.Мирзоев С. Нигоҳе ба афкори динӣ-адабии Соинуддини Хуҷандӣ / С. Мирзоев //Ахбори ДДҲБСТ.-2014.-№2(58).-С.199-208.
6. Соинуддин Али. Тамҳид-ул-қавоид . Тасҳеҳ ва ҳавошӣ Муҳаммадризо Қумшаӣ ва Мирзо Муҳаммад.Муқаддима ва таълиқ: Ҷалолиддини Оштиёнӣ / А.Соинуддин.- Қум: Бӯстони китоб, 1387.- 489 с.
7. Соинуддин Али . Ақлу ишқ ё мунозироти хамс. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Акрам Худии Неъматӣ /А.Соинуддин .–Теҳрон: Аҳли қалам, 1375. – 218 с.
8.Соинуддин Али .Атвори салоса. Тасҳеҳи Ҳусайни Довудӣ /А.Соинуддин // «Маориф».- 1371, давраи нуҳум, шумораи дуюм. - С. 45-77.
9.Соинуддин Али.Ал-маноҳич фи-л-мантиқ. Ба эҳтимоми Иброҳими Дебоҷӣ / А.Соинуддин.- Теҳрон: Донишгоҳ, 1376. - 232 с.
10.Соинуддин, Алӣ. Чаҳордаҳ рисолаи форсӣ. Ба тасҳеҳи Мӯсавии Беҳбаҳонӣ ва Иброҳими Дебоҷӣ /А.Соинуддин.-Теҳрон,1351. -296 с.
11.Соинуддин, Алӣ .Чаҳордаҳ рисолаи форсӣ.Муқаддима ва тавзеҳот:Маҳмуди Тоҳирӣ / А. Соинуддин.-Теҳрон,1389. -373 с.
12.Соинуддин Алӣ.Рисолаи анҷом.Ба кӯшиши Иброҳими Дебоҷӣ / А.Соинуддин. // Донишкадаи адабиёт.-1342.-Ҷилди 3. - С.154-181.
13.Соинуддин Алӣ.Мадорич-ул-афҳом.Ба тасҳеҳи Моили Ҳиравӣ / А.Соинуддин //Кайҳони андеша.-1367.-Шумораи 17-18.- С.48-95.
14.Соинуддин Алӣ.Шарҳи Назм-уд-дурар.Тасҳеҳва таҳқиқ аз Ҷудии Неъматӣ/ АСоинуддин.-Теҳрон:Мероси мактуб,1384.-509 с.
15.Соинуддин Алӣ. Шарҳ-ут-тоияти-л-кубро.Тасҳеҳи Маҷид Ҳодизода /А.Соинуддин.- Теҳрон: Пажӯҳиши ҳикмат ва фалсафа,1391.-218 с.
16.Соинуддин Алӣ. Шарҳи Фусус-ул-ҳикам.-Дар ду ҷилд.Таҳқиқ ва таълиқ: Муҳсин Бедофар /А.Соинуддин.-Қум:Бедор,1378. -1023 с.

Reference Literature:

1. *Bekhbakhoni, Sayidali. Life and Creation of Soinuddin Turka Isfakhoni with the Supplement of the Treatise* ***«Inzoliya»*** *// Collection of reports and articles about Islamic philosophy and mysticism. // Sayidal Bekhbakhoni. - Tehran: Islamic Studies, 1349 hijra. – pp. 110 – 132.*
2. *Donishpazhukh, Mukhammadtaki. Collection of Treatises by Khujandi / Mukhammadtaki Donishpazhukh // The Culture of Iran. – 1345 hijra. – V.4. – pp. 307 – 312.*
3. *Makhmud Shabistari. Flower-Bed of Mysteries (text and commentaries on the basis of the ancientest and authoritative commentaries to «Flower-Bed of Mysteries» under the editorship of Kozim Duzufuliyon // Shabistari M. Tehran: Gold, 1393 hijra. – 656 pp.*
4. *Makhdii Bayoni. Collection of Letters / Bayoni M. // Book Review. – 1340 hijra. – The fourth year. V.3. – 237 pp.*
5. *Mirzoyev S. On Religious-Literary Views of Soinuddin Khujandi // S. Mirzoyev // Bulletin of TSULBP. – 2014. - #2(58). – pp. 199 – 208.*
6. *Soinuddin Ali // Introduction into Rules. Recension and commentaries by Mukhammadrizo Kumsay and Mirza Mukhammadi. Introduction and commentaries by Djaloliddin Oshtiyoni / A. Soinuddin. - Kum: Flower-Bed of Book. 1387 hijra. – 489 pp.*
7. *Soinuddin Ali. Reason and Love. Under the editorship of Akram Khudi Nedmati // A. Soinuddin. - Tehran: Men-of-Letters. 1375 hijra. – 218 pp.*

8. *Soinuddin Ali. Atvori Salasa. Under the editorship of Khusayn Dovudi / A. Soinuddin // Maorif (enlightenment). – 1371 hijra, #2. – pp. 45 – 77.*
9. *Soinuddin Ali. Treatise on Logic. Under the editorship of Ibraghim Debodji // A. Soinuddin. - Tehran: University. 1376 hijra. – 232 pp.*
10. *Soinuddin Ali. Fourteen Persian Treatises. Under the editorship of Musavii Bekhbakhoni and Ibraghim Debodgi // A. Soinuddin. – Tehran, 1351 hijra. – 296 pp.*
11. *Soinuddin Ali. Fourteen Persian Treatises. Introduction and commentaries by Makhmud Tokhiri // A. Soinuddin. – Tehran. 1389 hijra. – 373 pp.*
12. *Soinuddin Ali. The Treatise about the End of your Way. Under the editorship of Ibraghim Debodji // A. Soinuddin // The faculty of philology. – 1342 hijra. – V.3. – pp. 154 – 181.*
13. *Soinuddin Ali. Commentary to Sura`s Ayat «Cow». Under the editorship of Moil Khiravi // A. Soinuddin // Cosmos of Meditations. – 1367 hijra. - # # 17 – 18. – pp. 48 – 95.*
14. *Soinuddin Ali. Commentary to «Nazm-ut-Darar». Recension and research by Djuti Negmati // A. Soinuddin. - Tehran: Written Legacies. – 1384 hijra. – 509 pp.*
15. *Soinuddin Ali. Interpretation of «Toya» Big Kasyd. Recension by Madjidi Khodizoda // A. Soinuddin. - Tehran: Research on Mysticism and Philosophy. 1391 hijra. – 218 pp.*
16. *Soinuddin Ali. Interpretation of «Gems of Wisdom». In two volumes. Research and commentaries by Mukhsin Bedofar // A. Soinuddin. - Kum: Debor, 1378 hijra, 1023 pp.*